**Такризи**

**муқарризи расмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих). - Душанбе, 2022.- 176 саҳ.**

Бойгонӣ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи сохтори давлатӣ буда, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқро таҷассум менамояд. Ҳар як ҳуҷҷати дар он маҳфузбуда, паҳлуҳо ва самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро матраҳ месозанд.

Бо вуҷуди он, ки ҳанӯз ҳам унвонҷӯёну донишмандон, мутаассифона, ҳангоми таҳқиқот ба ҳуҷҷатҳои бойгониҳо кам таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, вале тадриҷан маводҳои бойгониҳо манбаъи омӯзиш ва истифодаи мутахассисони соҳаҳои мухталиф гардида истодаанд. Ин бесабаб нест. Соҳибистиқлолии Ҷумҳури Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки имрӯз натанҳо таърихи кишвар дар маҷмуъ омӯхта шавад, балки минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ ҳамчун манбаъи таҳқиқ қарор гиранд. Дар ин қатор омӯзиши ганҷинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор сарфи назар нест. Филиали мазкур 5 апрели соли 1963 таъсис дода шудааст. Бойгонӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои органҳои ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо, (новобаста аз шакли моликият ва тобеияташон), дар ҳудуди шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, ноҳияҳои Шаҳринав ва Варзоб амалкарда ё амалкунанда ташаккул ёфта, дар шаҳри Ҳисор нигоҳдорӣ мешаванд. Тибқи маълумоти унвонҷӯ, ин Филиал хазинаҳои гуногунмазмун ва гуногундараҷаро дар бар гирифта, дар маҳфузгоҳҳои бойгонӣ зиёда аз 66915 (шасту шаш ҳазору нуҳсаду понздаҳ) парванда нигоҳ дошта шуда, маводҳои солҳои 1925-2014-умро дар бар мегиранд. Ҳуҷҷатҳо дар 425 хазинаи бойгонӣ (фонд) гирд оварда шудаанд. Дар Филиал ҳуҷҷатҳои

дорои хусусияти илмӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, саноатӣ ва сохтмонӣ, инчунин тақсимоти марзию маъмурӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд. Аз ин ҷост, ки омӯзиши таърихи ташаккул, сохтор ва мундариҷаи ҳуҷҷатҳои хазинаҳои ин Филиал ва дар заминаи ин ҳуҷҷатҳо таҳқиқи таърихи Ҳисор, Шаҳринав ва Турсунзода аҳаммияти калони илмию амалӣ доранд.

Мавзӯи таҳқиқотии Обидов Рустам Ҳошимович бешак мубрам буда, дар заминаи маводи Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ва таҳлили адабиёти илмии мавҷуда, амалӣ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда, инчунин “Замимаҳо” иборат мебошад.

Муҳимият, мубрамият ва арзиши баланди илмӣ доштани мавзӯи тадқиқоти мазкурро аз чанд ҷиҳат ва далелҳо метавон шарҳу маънидод ва асоснок намуд:

**-якум,** дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бойгониҳо яке аз институтҳои муҳимми таъминкунандаи ҳифзи боигарии зеҳнии миллат ҳисоб меёбанд;

**-дуюм,** омӯзиши мавзӯъ барои таҳқиқи таърихи навтарини халқи тоҷик зарур буда, дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад;

**-сеюм,** бойгонӣ макони рушду инкишофи илми таърих ва пажӯҳишгоҳи илмӣ - таткиқотӣ мебошад;

**-чорум,** хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор қисми таркибии хазинаи миллии бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи таърих ва такомули Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Ба муаллифи рисола муяссар гаштааст, ки мубрамият, арзиши илмии мавзӯи тадқиқотро ба таври боварибахш асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъро нишон диҳад, ҳадафу мақсади тадқиқоти худро бо далелҳои эътимоднок муайян ва мушаххас намуда, пояи сарчашмавии тадқиқотро нишон дода, асосҳои методологӣ, назариявии рисола, объект, предмети тадқиқот, ҳудуди хронологии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро мушаххас намуда, аҳамият ва арзиши илмӣ, амалии тадқиқоти худро асоснок намояд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** ба мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошта мутобиқ карда шудаанд. Муаллиф , пеш аз ҳама ба принсипҳои таърихӣ, муносибати объективонаи таҳқиқот такя намуда, раванди омӯзиши маҷмӯии таърихи навтарини Тоҷикистонро дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор воқеъбинона мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар натиҷаи таҳлили масъалаҳо вобаста ба вазифа ва хусусияти кори таҳқиқотӣ методҳои гуногун: омӯзиши далелҳо ва маводҳои бойгонӣ, таҳлили таърихӣ – қиёсӣ, таърихӣ – типологӣ, таърихӣ – системавӣ, муқоисавӣ – таърихӣ ва масъалагузорӣ - таҳлилӣ истифода гардиданд.

**Навгониҳои илмии рисола** дар он зоҳир мегардад, ки дар он бори нахуст ҳуҷҷатҳои хазинаҳои Бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хазинаҳои Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ба доираҳои таҳқиқоти илмӣ ворид гардидаанд. Бахусус, ҳуҷҷатҳои нодири бойгониҳои зикршуда роҷеъ ба сохтмони Канали Калони Ҳисор, таърихи ноҳияҳои Ҳисор, Регару Пахтаобод дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), зилзилаи Ҳисор маълумотҳои муфид медиҳанд.

Боби якуми диссертатсия – **“Бунёди тартиботи Шӯравӣ дар водии Ҳисор ва таъсиси бойгониҳо дар ҳудуди он”** аз чор зербоб иборат аст. Дар ин боб масоиле, чун барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ дар водии

Ҳисор, таъсиси бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар ин минтақа, маводи бойгонии Ҳисор доир ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ мавриди таҳлили амиқи муаллифи рисола қарор гирифтаанд.

Дар зербоби аввал – **“Бунёд ва мустаҳкам намудани ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор”** масоили барқароршавӣ ва мустаҳкам намудани ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор инъикос гардидааст. Зимни баррасии он унвонҷӯ қайд менамояд, ки барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор баъд аз таъсисёбии Отряди Эъзомияи ҳарбии Ҳисор оғоз гардид. Ӯ таъкид менамояд, ки дар натиҷаи аз ҷониби ин Отряд озод гардидани минтақа аз дастаҳои босмачиёни Амир Саид Олмихон ва пурра бунёд гардидани тартиботи Шӯравӣ ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, Регар, Пахтаобод ва Алмосӣ ташкил шуданд. Дар Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор доир ба ноҳияҳои дар боло зикр гардида, ҳуҷҷатҳои нодире мавҷуданд, ки таҳқиқотчиён метавонанд аз онҳо бархӯрдор бошанд.

Дар зербоби дуюми боби якуми рисола – **“Таъсиси бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор”** масоили бунёди бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Зимни тадқиқи ин масоил унвонҷӯ қайд менамояд, ки бойгониҳо маҳфуздори сарчашмаҳои нодири дорои аҳаммияти сиёсӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва хоҷагидорӣ буда, онҳо аз таърихи пайдоиш ва инкишофи давлатҳо ва сокинони онҳо иттилоъ медиҳанд. Аз ин ҷост, ки ҳифз, нигаҳдорӣ ва омӯзиши онҳо на танҳо вазифаи давлат, балки вазифаи ҳар як фарди ҷомеа маҳсуб меёбад. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия баҳисобгирии теъдоди ҳуҷҷатҳои ба хазинаҳои бойгонӣ воридшаванда, таъмини кадрҳои лаёқатманд ва бозомӯзии онҳо, таҳияи дастуру супоришҳои корӣ, омода намудани феҳристи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, сохтмони бинои нав, ҳифз ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ҳамчун ёдгориҳои хаттӣ аз зумраи умдатарин масоили рушди минбаъдаи бойгониҳои минтақавии Ҳисор ба ҳисоб мераванд.

Зербоби сеюми боби якуми рисола - **“Маводҳои бойгонии Ҳисор доир ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ”** ба тадқиқ ва таҳлили маводҳои бойгонии Ҳисор роҷеъ ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ (ҶБВ) (1941-1945) бахшида шудааст. Бояд тазаккур дод, ки меҳнати диловаронаи сокинони минтақаи Ҳисор дар солҳои Ҷангӣ Бузурги Ватанӣ дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ инъикоси худро ёфтаанд. Воқеъан, тибқи маълумоти ҳуҷҷатҳои бойгонӣ фаъолияти сокинони минтақаи Ҳисор дар солҳои мудҳиши ҷанг хеле пурсамар аст.

Диссертант қайд менамояд, ки дар набардҳои ҶБВ бештар аз 260 ҳазор фарзандони халқи тоҷик бар зидди адӯ ҷонбозиҳо намудаанд. Барои мардонагию корнамоиҳо 56 нафар ҷанговарони тоҷикистонӣ бо унвони олии Ватан – Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, 19 нафар бо се дараҷаи ордени «Шараф» ва бештар аз 50 ҳазор нафар бо ордену медалҳои даврони ҷанг қадршиносӣ гардидаанд.

Муаллиф зикр менамояд, ки тибқи маълумоти ҳуҷҷатҳои бойгонии Ҳисор меҳнаткашони минтақа дар ақибгоҳ низ қаҳрамонона меҳнат намуда, ба дастовардҳои беназир ноил гардиданд. Баъд аз ғалабаи халқи Шӯравӣ алайҳи Олмони фашистӣ бо Указа Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 6 июни соли 1945 як қатор меҳнаткашони ноҳия - колхозчиён, коргарон, муаллимон, духтурон, роҳбарони ташкилотҳо ва дигар хизматчиён, дар маҷмӯъ 400 нафар, ки дар ақибгоҳ фаъолияти баланди меҳнатӣ нишон додаанд, бо медали «Барои меҳнати шуҷоъ» дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 сарфароз гардонида шуданд.

Дар зербоби чоруми боби аввал – **“Азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар минтақаи Ҳисор”** дар заминаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ масоили азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки баъди ба итмом расидани ҷанг зарурияти истеҳсоли бештари аслиҳаи ҳарбӣ аз байн рафта, зарурияти ба талаботи замони осоишта мутобиқ гардонидани корхонаҳо ба миён омад. Панҷсолаи азнавбарқароркунӣ ва инкишофи хоҷагии халқи мамлакат барои солҳои 1946 – 1950 ин вазифаҳоро ба нақша гирифта буд.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки аҳолии минтақаи Ҳисор, хусусан сокинони ноҳияҳои Шаҳринаву Турсунзода ва ноҳияи Ҳисор низ барои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ саҳми худро гузоштанд. Ба душвориҳо нигоҳ накарда, хоҷагиҳои ноҳия кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, то самарабахшии корхонаҳои асосиро ба қадри имкон таъмин намоянд. Маводҳои хазинаҳои Бойгонии минтақаи Ҳисор шаҳодат медиҳанд,ки дар солҳои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринаву Турсунзода аҳолӣ дар таҷдиди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва ғ. хизмати диловарна намуда, ба муваффақиятҳи беназир ноил гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия – **“Масъалаҳои пуркунӣ, таркиби хазинаҳо, нигаҳдорӣ ва усулҳои истифодабарии ҳуҷҷатҳои филиали бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор”** аз чор зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якуми боби дуюм – **“Манбаъҳои пуркунӣ ва таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор”** масоили манбаъҳо ва таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки дар хазинаҳои Филиали бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти илмӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, саноатӣ ва сохтмон, инчунин тақсимоти марзию маъмурӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Таъмини ҳифз, нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар филиали Бойгонии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор”** масоили ҳифз, нигоҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои филиали Бойгонии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки агар яке аз вазифаҳои муҳимми бойгонӣ ҷамъ овардани ҳуҷҷатҳо бошад, вазифаи дигари он таъмини бехатарӣ ва мавриди истифода қарор додани хазинаҳои бойгонӣ маҳсуб меёбад. Ҳуҷҷатҳое, ки дорои ҷанбаи сиёсӣ, илмӣ, таърихӣ,

маданӣ, маишӣ, таҷрибавӣ ва ғайра мебошанд ва ба воситаи корхонаю муассисаҳо ва ё аз тарафи шахсони алоҳида ба фондҳои бойгонӣ дохил гардидаанд, бояд мавриди ҳифз ва нигаҳдорӣ қарор гиранд. Таъмини бехатарии ҳуҷҷатҳо тақозо мекунад, ки ба хоста гирифтани ҳуҷҷатҳои моҳиятан муҳим аҳамияти махсус дода шавад. Бинобар ин ба қиматнокии ҳуҷҷатҳо эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ин кор аз кормандон донишу малакаи кофӣ, фаҳмишу идрок, меҳнатдӯстию нуқтасанҷиро талаб мекунад.

Зербоби сеюми боби дуюм – «**Санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси (экспертизаи) арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар бойгонии минтақавии Ҳисор**” ба тадқиқи масоили роҳҳои гузаронидани санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси (экспертизаи) арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар бойгонии минтақавии Ҳисор бахшида шудааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки зери мафҳуми ташхиси қимати илмии ҳуҷҷатҳо омӯзиши ҳуҷҷатҳо дар асоси меъёри (критерияи) қимати онҳо бо мақсади муайянсозии мӯҳлатҳои ҳифзи ҳуҷҷатҳо ва хостагирии онҳо фаҳмида мешавад. Дар фаъолияти бойгонӣ ин яке аз муҳимтарин ва масъултарин равандҳои кор бо ҳуҷҷатҳо маҳсуб шуда, ба баҳодиҳии сарчашмашиносии онҳо ҷамъбаст мегардад. Аҳаммияти ташхис аз муайян намудани муҳиммияти ҳуҷҷатҳо, аз он, ки кадом ҳуҷҷатҳо давлат, илм ва ҷомеъа, инчунин ашхоси алоҳидаро ба ахбори зарурӣ таъмин карда метавонанд.

Дар зербоби чоруми боби дуюм – **“Шарҳи хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи таҳқиқи таърихи навини Тоҷикистон”** масоили ба хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи таҳқиқоти таърихи навини Тоҷикистон рабтдошта, мавриди тадқиқ ва шарҳу баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд тазаккур дод, ки шарҳи хазинаҳои бойгонӣ ин маълумотномае мебошад, ки дар худ маълумотҳои мураттабшудаи таркиб ва мундариҷаи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои алоҳидаро бо таҳлили манбаъшиносиашон, бо мақсади иттилоърасонӣ ба муассиса,

ташкилот, корхона ва ҷомеаи илмӣ оиди хусусият ва аҳамияти ин ҳуҷҷатҳо бо мақсади васеъ кардани доираи истифодаи онҳо дар ҳамаи самтҳои фаъолияти ҷомеа, доро мебошад.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор имрӯз зиёда аз 425 хазина мавҷуд аст, ки ҳуҷҷатҳои нодирро роҷеъ ба мақомоти маҳаллии Ҳокимияти давлатии нохияҳои минтақа аз замони таъсис то имрӯз, ҳуҷҷатҳои Ҷамоатҳои деҳот, идораву муассисахо, корхонаву ташкилотҳо, стансияҳои ноҳиявии мошинӣ-тракторӣ (СМТ), ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ ва ғайра маълумоти нодир медиҳанд.

Мазмуни рисола пурра дар ккитобҳо ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ инъикос ёфтаанд. Автореферат ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст.

Ба андешаи мо дар баробари мувваффақиятҳо дар диссертатсия чанд камбудиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд,ки онҳоро шарҳ медиҳем:

1.Дар саҳифаи 49 диссертатсия навишта шудааст,ки доираи фаъолияти бойгонӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои ноҳияи Варзоб дар солҳои охир васеъ шуд. Аммо дар матни диссертатсия дар бораи ин маводҳо маълумот нест;

2.Дар баъзе ҷойҳои матни диссертатсия фамилияи ашхос омада, аммо ному насаби онҳо нишон дода нашудааст. Масалан дар саҳифаҳои 61 – Шергин,.66 – Наумов,73-Шукуров,Олимов, Сафаров вағ.Албатта, агар ному насаби онҳо мебуд,беҳтар мешуд;

3.Нисбати нигаҳдории пуркунии хазинаҳои бойгониҳои кинофотоҳуҷҷатҳо дар диссертатсия маълумот нест.

4.Дар рисола, баъзан такрори матлаб, хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Аммо, нуқсонҳои зикршуда, хислати усулӣ (принсипиалӣ) надошта, арзиш ва аҳаммияти рисолаи Р. Обидовро ҳаргиз паст намесозанд.

Метавон гуфт, ки муаллиф тамоми мақсад ва ҳадафи дар назди худ гузоштаашро бо пуррагӣ ҳаллу фасл намудааст.

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки диссертатсияи унвонҷӯ Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» таҳқиқоти мустақилона, арзишманд ва аз лиҳози мантиқ ба анҷом расида буда, тибқи натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардида аст, мувофиқ аст ва муаллифи он Обидов Рустам Ҳошимович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

**Доктори илмҳои таърих,**
**профессори кафедраи**
**таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи А. Рӯдакӣ** **Абдуллоев Маҳмуд Холович**

28.12.2022

Имзои д.и.т., профессор Абдуллоев М.Х.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори ШК КМ–и Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф. А.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров 16;
тел.: 8 (3322) 2-35-06, 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj.